ТДУ 332

# ОМИЛҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИИ ИСТЕҲСОЛИ ЗИРОАТИ ҒАЛЛАДОНАГӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

**Абдуллоев Д.А., омӯзгори** калон, **Мадаминов А. А., д.и. и.,** профессор-ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ****: рушд, минтақа, зироатҳои ғалладонагӣ, самаранокӣ, истеҳсолот, ҳосилнокӣ, майдон, соҳа, бозор.*

Вобаста аз афзоиши шумораи аҳоли масъалаи баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулотҳои хурокворӣ як аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, ки гандум маҳсулоти асосӣ буда, соҳаи зироатҳои ғалладона соҳаи аз ҳама муҳим ба шумор меравад.

Барои ҳал кардани ин масъала майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона бояд зиёд карда шавад, вале дар Ҷумҳурӣ ин кор маҳдуд мебошад. Барои ҳамин, фақат аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокӣ ҷамъоварии зироатҳои ғалладонаро зиёд кардан мумкин аст. Дар ҳолати дуруст истифода бурдани заминҳои кишт, асосан заминҳои обёришаванда, интихоби оқилонаи навъҳои зироатхои ғалладонагӣ, имконият пайдо мекунад, то ки истеҳсоли ғалладона 2-3 маротиба зиёд карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ғалладонаҳо ва зироатҳои лубиёгӣ дар соли 2017 дар Ҷумҳурӣ 411,6 ҳазор гектар, ҷамъоварии умумии гандум то ба 1447,7 ҳазор тонна бо ҳосилнокии миёнаи 29,9 сентнер аз ҳар як гектарро ташкил додааст.

Маълум аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳо яке аз нишондиҳандаҳои асосие мебошад, ки фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро нишон медиҳад. Аз ҳаҷми маҳсулот дараҷаи қонеъ кардани талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ, ашёи хом барои саноат ва хуроки чорво дар соҳаи чорводорӣ вобаста мебошад.

Дараҷаи арзиши аслӣ, фоида, самаранокии ҳолати молиявии корхонаи кишоварзӣ, қобилияти пардохткунӣ ва дигар нишондодҳо ҳам аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот вобаста мебошад.

Бинобар ҳамин, мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки фаъолияти хоҷагидориро, вобаста аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳо, асосан, маҳсулотҳои зироатҳои ғалладонагӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил намоем.

Дар раванди таҳлил, ба фикри мо, вазифаҳои зерин ҳал карда мешавад:

- накшаҳои ҷорӣ ва преспекитивии истеҳсоли маҳсулотҳо баён карда мешавад;
- назорати доимии ичрошавии нақшаи истеҳсоли маҳсулотҳо дар амал ҷорӣ карда мешавад;
- таъсири омилҳои гуногун ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳо муайян карда мешавад;
- захираҳои дохилихоҷагидорӣ ва зиёд кардани онҳо маълум карда мешавад;
- фаъолияти хоҷагӣ оид ба истифодабарии имкониятҳои баланд бардоштни истеҳсоли маҳсулот, вобаста аз омилҳои объктивӣ, субъективӣ ва истифодабарии захираҳои вуҷуд дошта баҳо дода мешавад;
- чорабиниҳо оид ба аз худ кардани заҳираҳо маълум карда шуда барои баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулотҳо тайёр карда мешавад.

Тадқиқот нишон медихад, ки таҳлили иқтисодӣ вазифаи асосиро дар системаи идоракунии истеҳсолот ичро менамояд ва дар раванди муайянкунии захираҳои баланд бардоштани истехсоли маҳсулотҳо ҳам аҳмияти беҳамто дорад.

Манбаи асосии ахборотҳо барои таҳлили истеҳсоли маҳсулотҳои растанипарварӣ ҳисоботи шакли № 9-и КАС «Истеҳсолат ва арзиши аслии маҳсулоти растанипарварӣ» мебошад, ки дар он ҷо маълумотҳо доир ба масоҳати майдонҳои кишт оид ба ҳар як намуди зироат, ҳосилнокии онҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳо ва арзиши аслии онҳо баён карда мешавад. Ин намуд нишондиҳандаҳои нақшавӣ дар бизнес – нақша нишон дода мешаванд[1].

Барои таҳлили фаврӣ маълумотҳои ҳисоботҳои солона зершуъбаҳои истеҳсолӣ ва ҳуҷаттҳои аввалин истифода бурда мешаванд.

Таҳлили истеҳсоли маҳсулотҳои зироатҳои ғалладонаро аз омухтани динамикаи ҳар як намуди зироат ва дар якҷояги оидба ҳар як зироати ғалладонагӣ бо баҳодиҳии тағйиротҳои бавуҷудомада сар кардан лозим аст.

Барои ин корро иҷро кардан бояд маълумотҳо оид ба ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулотҳои зироатҳои ғалладонагӣ, бо арзиши муқоисавӣ, инчунин оиди ҳаҷми ҷамъоварии маҳсулотҳо доир ба ҳар як намуди зироат дар давоми 5-10 сол вуҷуд дошт бошанд. Дар асоси ин маълумотҳо индекси базисӣ ва занҷирӣ ҳисоб карда мешавд.

Барои ба таври равшан нишон додани истеҳсоли маҳсулотҳо, аз методи графикӣ истифода бурдан беҳтар мебошад (расми 1).

Маълумотҳо оид ба ҳаҷми истеҳсолот дар 100 гектар киштзорҳои кишоварзӣ бо нишондиҳандаҳои ҳисоби миёнаи ноҳия, вилоят ё маълумотҳои дигар корхонаҳои кишоварзӣ муқоиса карда мешаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ба ҷамъоварии умумии маҳсулот сохти киштзорҳо таъсир мерасонад. Чи қадаре, ки ҳиссаи зироатхои хосилнокиаашон баланд зиёд бошанд, ҳамон қадар даромад зиёд мешавад. Нобудшавии киштзорхо, ки бо саъбабҳои объективӣ ё ба айби корхона ба вучуд меояд, таъсири манфии бевоситаи худро ба ҳаҷми ҷамъоварии истеҳсолот мерасонад.

Ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот омилҳои зерин таъсир мерасонанд: майдони кишт, ҳосилнлкӣ, таркиби майдони кишт ва талафи ҳосил.

Ҳар як омили номбаршуда, дар навбати худ, аз як қатор сабабҳо ва ҳолтҳо вобаста мебошад. Масалан: масоҳат ва сохти киштзорҳо аз тахасуси корхона, супориши давлатӣ барои ин ё он намуди махсулот, талаботи дохилихоҷагӣ барои таҳлили хуроки чорво, вазъи бозор, захираҳои заминӣ, меҳнатӣ, модӣ,

---

[1] Г.В. Савицкая Анализ хозяйственной деятельности предприятий АПК Москва: ИНФРА, 2011г.14-36с.

самаранокии иқтисодии парвариши зироатҳои алоҳида ва ғайра вобаста мебошад. Ҳосилнокии зироат аз сифати замин, миқдор ва навъи тухмӣ, тарз ва мухлати кишт, ҷамъоварии ҳосил ва ғайра вобаста мебошад.




**Расми 1. Динамикаи ҷамоварии умумии зироатҳои ғалладонагӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ..**

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2010-2017**

| Солҳо | Ҷамъоварии умумии маҳсулоти ғалладонагӣ дар ҳамаи намудҳои хоҷагидорӣ | | | Аз он ҷумла, ҷамъоварии умумии зироатҳои ғалладонагӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ, тонна | Суръати афзоиш,% | | Ҳамагӣ, тонна | Суръати афзоиш,% | |
| | | Базисӣ | Занҷирӣ | | Базисӣ | цепные |
| 2010 | 237404,08 | 100,0 | 100,0 | 165000,2 | 100,0 | 100,0 |
| 2011 | 142587,69 | 60,06 | 60,06 | 78910,32 | 47,8 | 47,8 |
| 2012 | 183529,6 | 77,3 | 128,7 | 100245,6 | 60,7 | 127,03 |
| 2013 | 229728,1 | 96,7 | 125,1 | 133960,2 | 81,1 | 133,6 |
| 2014 | 202834,0 | 85,4 | 88,2 | 117773,5 | 71,3 | 87,9 |
| 2015 | 255836,2 | 107,7 | 126,1 | 167404,0 | 101,4 | 142,1 |
| 2016 | 274185,9 | 115,5 | 107,1 | 189405,7 | 114,7 | 113,1 |
| 2017 | 269062,0 | 113,3 | 98,1 | 180889,1 | 109,6 | 95,5 |

***Манбаъ:*** *ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маҷмӯи омори вилояти Суғд дар соли 2018г-197с, тартиб дода шудааст.*

Алоқамандии омилҳои номбаршуда дар расми 2 нишон дода шудааast.

Ба фикри мо, дар навбати аввал дараҷаи таъсиррасонии омилҳои қисми аввалро муайян кардан лозим аст, барои он ки ҳаҷми маҳсулоти бадастовардашуда бевосита аз онҳо вобаста мебошад. Таъсири омилҳои боқимонда дуюмдараҷа мебошад.

Намунаи детермини ҷамъоварии умумии маҳсулотҳои зироатҳои ғалладонагӣ намуди зеринро дорад:

ҶУ=(М-Мн)*Ҳ

Дар ин ҷо: ҶУ – ҷамъоварии умумии маҳсулот бо вазни физикӣ; М-майдони кишти зироат; Мн - майдоне, ки дар он зироат нобуд шудааст; Ҳ-ҳосилнокии зироат бо сентнер аз хар як гектар.






**Расми 2. Мадели сохторӣ – мантиқии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои ғалладонгӣ.**

Ин намунаи аддативӣ – мултипликтивӣ мебошад. Барои аник кардани таъсири омилҳо, тарзу намудҳои гузориши занҷирӣ, фарқияти мутлак ва фарқияти нисбиро истифода бурдан мумкин аст[2].

Методи ҳисоби таъсиррасонии онҳоро дар мисоли ҷадвали 2 дида мебароем.

**Ҷадвали 2 - Маълумотҳо барои таҳлили омилии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2017г**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | Тағйирёбиҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | Мутлак (+; -) | Нисбӣ ,% |
| Майдони кишт, га | 132862 | 126316 | -6546 | -4,9 |
| Майдони ҷамъоваридашудаи зироат, га | 131680 | 126222 | -94 | -0,07 |
| Ҳосилнокӣ, с\ га | 20,63 | 21,8 | 1,17 | 5,68 |
| Ҷамъоварии умумӣ,с | 2740943,06 | 2690620 | -50323,06 | -1,9 |

***Манбаъ:*** *ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маҷмӯи омори вилояти Суғд, соли 2018-саҳифаи 197 тартиб дода шудааст.*

Барои муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо барои ҷамоварии умуми усули гузориши занҷириро истифода бурдан мумкин аст.

ҶУо=Мо*Ҳо=132862*20,63=2740943,06

ҶУш1=М1*Ҳо=126316*20,63=2605899,08

ҶУш2=Мн*Ҳо=126222*20,63=2603959,8

ҶУ1=Мн*Ҳ1=126222*21,8=2751639,6.

Тағйирёбии умумии истеҳсоли гандум:

ΔҶУу=ҶУ1-ҶУ0=2690620 – 2740943,06=-135043,98с.

Аз ҳисоби кам кардани миқдори обдиҳии майдонҳои зироатҳои ғалладонагӣ дар вилояти Суғд 135043,98 сентнер (2690620-2740943,06) камтар ҳосил ба даст оварда шудааст.

Агар нишондихандаи шартии якумро бо нишондихандаи базисӣ муқоиса намоем, тағйирёбии ҷамоварии умумиро аз ҳисоби майдонҳои кишт маълум менамоем, барои он ки дар ҳолати ҳисоби ин ду нишондиҳанда ҳосилнокии базисии зироатҳо ба назар гирифта шудааст, майдони кишт дар як ҳолат базисӣ, дар дигар ҳолат ҳакикӣ ба шумор меравад.

Барои муайян кардани талафёбии киштзорхо нишондиҳандаҳои шартии якум ва дуюми ҷамъоварии умумиро муқоиса кардан лозим аст . Дар вақти ҳисоб кардан ҳосилнокии якхела кабул шудааст, вале дар ҳолати якум майдони кишти ҳақиқӣ, дар ҳолати дуюм майдони ҷамъоваришудаи ҳақиқӣ дар назар дошта шудааст. Бо сабаби талафёбии кишт ҷамъоварии умумӣ ба миқдори 1939,2 сентнер ғаладонагиҳо (2603959,8-2605899,08) кам шудааст.

[2] Г.В. Савицкая Анализ хозяйственной деятельности предприятий АПК Москва: ИНФРА, 2011г.14-36с.

Дар вакти муқоисакунонӣ таъсири миқдори заминҳои кишт нейтралӣ карда мешавад, барои он ки дар ҳолати якум ва дуюм барои ҳисобкунии майдонҳои ҷамъоваришудаи ҳақиқӣ қабул шудааст, вале дараҷаи ҳосилнокии онҳо гуногун мебошад.

Дар корхонаи таҳлилшаванда ҳосилнокии ғалладонагиҳо ба миқдори 1,17 сентнер аз ҳар гектар зиёд шудааст, ин имконият дод, ки истеҳсоли ғалладона ба миқдори 147679,8 сентнер (2751639,6-2603959,8) зиёд карда шудааст.

Ин натиҷаҳо бо усули фарқияти мутлак ба даст оварда мешавад:

ΔҶУс =(М1-Мо)*Ҳо=(126316-132862)*20,63=-135043,98с.

ΔҶУо=(Мн-М1)*Ҳо=(126222-126316)*20,63=-1936,2с.

ΔҶУҳ=(Ҳ1-Ҳо)*Мн=(21,8-20,63)*126222=147679,8с.

Ҳисобҳо ба воситаи усули фарқияти нисбӣ ба таври зерин иҷро карда мешавд:

$$\Delta ҶУс=\frac{Мо*\Delta М\%}{100}=\frac{2740943,06*(-4,9)}{100}\approx -135043,9с.$$

$$\Delta ҶУн1=\frac{Мо*\Delta Мн1\%}{100}=\frac{2740943,06*(-0,07)}{100}\approx -1939,2с.$$

$$\Delta ҶУҳ=\frac{(ЧУо+\Delta ЧУм+\Delta ЧУн1)*\Delta X\%}{100}=\frac{(2740943,06-135043,9-1939,2)*5,68}{100}\approx 147679,8с.$$

Дараҷаи ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар миқиёси Тоҷикистон ба воситаи захираҳои гидротерминӣ, тағирёбии ҳамасолаи онҳо, фаъолнокии нурпошии офтоб ва дигар омилҳо муайян карда мешавад.

Дар вилоят барои ба вучуд овардани зироаткорӣ захираи нигаҳдорӣ ахмияти калон дода мешавад. Дар майдонҳои нави киштзор дар солҳои охир вазни қиёсии зироатҳои ғалладонагӣ зиёд карда мешавад. Азбаски ба он ғалладонагиҳо нигаҳдории дурударозро талаб мекунанд ва хароҷот барои истеҳсоли онҳо зиёд мебошад, талабот ба онҳо дар бозор хеле зиёд мебошад.

Воситаи асосии зиёд кардани истеҳсоли ғалладонагиҳо дар вилояти Суғд баланд бардоштани ҳосилнкии онҳо мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар амал онҳоро ба таври зерин иҷро кардан мукин аст:

-истифода бурдани микдори зарурии нуриҳо барои ба даст овардани ҳосилнокии ба нақша гирифташуда;

-истифода бурдани навъҳои аълосифати зироатҳо, ки ба хоб рафтан, касалиҳо ва зарарrасонҳо устувор мебошанд;

-роҳ надодан ба талафёбии маҳсулотҳо дар давраи ҷамъоварӣ;

-беҳтар кардани раванди алафдарав, ҳолати чарогоҳҳо ва дигар чорбиниҳои агротехникӣ.

Аз таҳлилҳои ба амал овардашуда маълум мешавд, ки дараҷаи рушди зироатҳои ғалладонагӣ дар вилояти Суғд афзоиш ёфта истодааст.

**Адабиёт**


1.Г.В. Савицкая Анализ хозяйственной деятельности предприятий АПК Москва: ИНФРА, 2011г.14-36с.

2.Д.К. Касымов Растениеводство с основами семеноведения

Душанбе, 2008г. 37-39с.

3. Статистический ежегодник Республики Таджикистан//Регионы Респуб-лики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан – Душанбе, 2017г. 115-130с.

4. Годовые отчеты Главного управления сельского хозяйства Согдийской области.



**АННОТАЦИЯ**

**ПОВЫШАЮЩИЕ ФАКТОРЫ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ЗЕРНА В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ**

В данной статье рассматриваются вопросы повышения эффективности производства зерновых культур и факторы, выявленные для этого показателя. Автор использует информацию по статистическим данным о тенденциях производства данных путем статистического анализа данных и проанализировал тенденцию производства зерновых культур в Согдийской области, в связи с чем на основании исследовательской работы предложена модель структурного фактора объема производства.

**ANNOTATION**

**THE INCREASING FACTORS THE EFFICIENCY OF GRAIN PRODUCTION IN THE SUGHD REGION**

This article deals with issues of increasing of effectiveness the production of corn crops and factors identified for this indicator are influenced. The author uses the information by statistical data production trends by statistical data analysis and analyzed the trend of production of corn crops in Sogd region, due to based on the research work, it has proposed the model of structural factor of production volume.



***Key words:*** development, region, grain crops, efficiency, production, crop yield, area, branch, market.